# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик . – Душанбе, 2023. – 24 саҳ.**

Пажуҳиш дар самти пайвандҳои адабӣ, фарҳангӣ ва маънавии халқҳои гуногуни олам аз муҳимтарин вазифаҳои илми адабиётшиносии муосир ба ҳисоб меравад, вале агар чунин алоқаҳо байни қавму миллатҳои ҳамнажоду ҳамтира бошанд, аҳаммияти он боз дучанд гардида, сабабҳо ва омилҳои мушобиҳату наздикии онон кашф ва ошкор мегардад.

Пайвандҳои адабии халқҳои ҳамнажоду ҳамрешаи маскун дар Эрону Ҳинд ба даврони қабл аз таърих бармегардад, ки беҳтарин санади мушобеҳат ва иштирокоти қавмҳои ҳиндуаврупоӣ дар дастовардҳо ва натиҷаҳои забоншиносӣ акс ёфтааст, ки маводди забониву адабии дарҷёфта дар матни “Авесто” ва “Ведаҳо” аз нигоҳи дастурӣ, решашиносӣ ва наҳваи нигориш монандӣ ва ягонагӣ дошта, дар ҳаллу фасли масъалаҳои илмии адабшиносӣ онҳо бо якдигар ёрии амалӣ мерасонанд.

Бо ба қудрат расидани ҳукуматҳои эрониасли Ҳиндустон боло рафтани таваҷҷуҳи ҳокимони онҳо ба забону адабиёти бостонии ин сарзамин баргардони осори адабии ҳиндӣ ба форсии тоҷикӣ вусъат пайдо карда, шоирону адибони зиёде даст ба тарҷума ва таҳрири асарҳои ҳиндӣ ё офаридани асарҳо дар мавзуъҳои маҳаллии он кишвар пардохтанд, ки дар муаллифи диссертатсияи мавриди гуфтугӯ Манонзода Абубакр Манон таҳлилу баррасии ин осорро вазифаи хеш қарор додааст. Бояд гуфт, ки муаллиф аз уҳдаи вазифаҳои дар пеши худ гузошта ба хубӣ баромадааст ва як кори илмии анҷомёфтаи комилро пеши рӯйи аҳли таҳқиқ ва мутахассисону алоқамандон гузоштааст ва ӯро бо ин комёбӣ бо дили пур метавон табрик намуд.

Дар бобҳои сегонаи диссертатсия аз масъалаҳои пайвандҳои адабии Эрону Ҳинд дар бостон, тарҷумаҳои осори ҳиндӣ дар дар асрҳои миёна ба вижа дар даврони Бобуриён таҳлилу баррасии қадимтарин ҳамосаи бостонии Ҳинд "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии он,  вижагиҳои вазнӣ, истифодаи босамар аз анвои мухталифи қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ, зебоиҳои забонӣ ва баёнии достони “Ром ва Сито”-й Масеҳои Понипатӣ сухан ронда, ҳунари шоирии ӯро дар эҷоди маснавии тарҷумашуда бар асоси

мазмуни аслии "Рамаяна", ки аз нигоҳи мазмуну муҳтаво дар адаби форсии тоҷикӣ камназир мебошад, нишон додааст ва онро дастоварди илмии муаллифи рисола мебояд донист. Дар қисмати хулоса ҳам натиҷагириҳои муаллиф муътамад ва мантиқӣ мебошанд.

Дар автореферат дар баробари муваффақиятҳо нуқсонҳое мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо муҷиби афзудани ҳусни он мегарданд:

1. Дар бораи нахустин сарояндаи ин ҳамоса ба забони бостонии Ҳинд Валмики дар автореферат маълумон умуман нест.

2. Дар матни автореферат хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ночиз буда, ислоҳшаванда мебошанд.

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи "Достони "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он" ҳамон гуна, ки аз фишурдаи он бармеояд, таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба меъёрҳои талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

д.и.ф., дотсенти кафедраи
адабиёти тоҷики ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Ашурова Н.Ҷ.

Имзои д.и.ф., Ашурова Н.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО КОРҲОИ МАХСУС

Суроға:735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Ҷои кор: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (992) 918 13 38 49
E-mail: shokhnoma@mail.ru

«06» 09 2023.